# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа

**Парвандаи аттестатсионии №______**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.01.2026, № 7**

Барои сазовор донистани Мирзоев Суҳроб Сулаймонович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ.

Диссертатсияи “Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ санаи 13 ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №4 дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шуд.

Мирзоев Суҳроб Сулаймонович 24.03.1970 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1998 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси филолог, забон ва адабиёти рус хатм намудааст. Аз соли 1998 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият карда, аз соли 2002 то ҳол муаллими калони кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳисоб меравbooнд. Мирзоев Суҳроб Сулаймонович бо фармоиши ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ аз 18.01.2012 таҳти №10 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдаки қабул карда шуда, бо фармоиши ректори донишгоҳи мазкур аз 22.01.2016 таҳти № 11 онро хатм намудааст.

Диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ дар кафедраи фалсафаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода шудааст, дар маҷлиси кафедраи мазкур санаи 11.04.2025, суратҷаласаи №9/1 муҳокима шуда, барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Шамолов Абдулвоҳид Абдуллоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Умедов Мастон Ҳамдамович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Маҷидов Диловар Ҳафизович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ш. Бердиев имзо шудааст, қайд шудаст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 10 интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Мирзоев, С.С. Бируни и его Ал-осор-ул-бокия как этико-этническое сочинение [Текст] / С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2021. – №4. – С.109-116.

2.Мирзоев, С.С. Ақидаҳои умдаи Абурайҳони Берунӣ [Матн] / С.С. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №5. – С.266-278.

3. Мирзоев, С.С. Социально-этические взгляды Абурайхана Беруни [Текст] / С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – №1. – С.178-184.

4. Мирзоев, С.С. Влияние социально-политических преобразований VII-IX веков на мировоззрение Абурайхана Беруни [Текст] / С.С. Мирзоев Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2023. – №12. – С.169-181.

5. Мирзоев, С.С. К вопросу об этико-философских взглядах Абурайхана Беруни [Текст] / А.А. Шамолов, С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2024. – №5. – С.153-164.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ **Саидумаров Сайвоҳид**. Тақриз мусбат буда, дар баробари ин қайд карда мешавад, ки диссертантро мебоист ба асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ таваҷҷуҳи зиёдтар менамуд. Масалан, андешаи

диссертант доир ба асарҳои «Ҷаҳонбинии илмӣ дар таълимоти Абурайҳони Берунӣ» (бо забони тоҷикӣ) ва «Эпистемология А. Берунӣ» (бо забони русӣ) - и Сунатулло Ҷонбобоев дида намешавад.

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара **Азизов Комил Ҷурахонович.** Тақриз мусбат буда, баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ дида мешаванд:

1. Аз ҷумла, бисёр хуб мебуд, ки муқоисаи ақидаҳои ахлоқии Берунӣ бо андешаҳои дигар мутафаккирони ҳамаср ё пешина (масалан, Форобй ё Ибни Сино) васеътар анҷом дода мешуд.

2. Ҳамчунин, хуб мешуд, баъзе мафҳумҳои калидии ахлоқӣ ба монанди мурувват, баробарӣ, некй, адолат, хайрхоҳӣ, раҳмдилй ва хоксорӣ бо таҳлилӣ муфасалтар шарҳи худро меёфтанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзӯи “Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ дар сатҳи дахлдор навишта шуда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида мебошад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- мазмуни назарияи мутафаккир оиди ҳолатҳои ангезавӣ (изтироби)-и рӯҳ, фазилатҳо ва андешаҳои ӯ дар бораи зарурати такмили хислати инсон **коркард карда шуд**

- дар асоси таҳлили низоми категорияҳои ахлоқии Берунӣ хусусияти дуӣ-мухолифии низоми ахлоқии ӯ **ошкор мегардад**, ки аз категорияи рафтори нек ва категорияи рафтори бад иборат аст. Абурайҳони Берунӣ бар хилофи дигар ахлоқчиёни асримиёнагӣ ба назарияи «бо зиддият», яъне хислатҳои пасти нафси инсонро маҳкум намуда, ҳамзамон ба хислатҳои некӣ инсонӣ ташвиқ мекунад;

- **пешниҳод шудааст,** ки фаҳмиши ахлоқ дар таълимоти Берунӣ берун аз доираи тафсирҳои анъанавии динӣ қарор мегирад. Ӯ амсилаеро пешниҳод мекунад, ки ба ҷойи таъкиди танҳо бар маншаъҳои осмонӣ, эҳтиёҷоти амалӣ ва ақлгароёнаи инсонро дар марказ мегузорад. Яъне, ӯ ташкили системаи ахлоқии мутамарказ бар таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва имконияти маърифати инсонро ҳадаф қарор додааст.

- **исбот шудааст,** ки андешаи фалсафии Абурайҳони Берунӣ дар асоси таҳқиқи амиқи сарчашмаҳои гуногун — аз осори фалсафии бостонии юнонӣ ва эронӣ то матнҳои исломӣ ва тиббии даврони миёна ташаккул ёфта, инъикоскунандаи ҳамгироии фарҳангиву зеҳнии мактабҳои андешаи

гуногун мебошад. Ӯ бо шеваи хоси таҳлил, донишҳои мавҷударо ба як низоми муназзами ҷаҳонбинӣ табдил додааст.

**- ҷорӣ намудани** равишҳои диалектикии таҳлили таърихию фалсафӣ, таҳлил ва муқаррароти илмии классикони андешаи фалсафӣ, ҳамчунин, пажӯҳишҳои муҳаққиқони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ахлоқ мазмун ва моҳияти рисоларо пурра гардонид

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** таҳқиқот мазкур метавонад заминаи мусоид барои густариши омӯзиши амиқи ҷанбаҳои камтаваҷҷуҳи ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ гардад, ки то имрӯз бинобар як қатор сабабҳои таърихӣ ва илмӣ аз таҳлили мустақими фалсафӣ дур мондаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои ислоҳи баъзе ақоиди беасосе, ки нисбат ба мероси илмии Берунӣ то ҳол дар баъзе таҳқиқот ҷой доранд, мусоидат кунанд. Ин мерос, дар навбати худ, метавонад дар ташаккули маънавиёти шахсият ва таҳкими арзишҳои инсонгароёна дар фазои ислоҳоти иҷтимоиву маънавии Тоҷикистони имрӯза нақши муассир бозад.

- вижагиҳои ахлоқи оқилонаи Абурайҳони Берунӣ ошкор шуда, эътиқоди ӯ ба қудрати дигаргунсозандаи тафаккури инсонӣ, вақте ки он тавассути нерӯи дониш ва тарбия табиати инсонро (ҷон, нафс ва ғ.) такмил дода, пояҳои пасти сифатии онро пахш карда ва фазилатҳои фоиданоки ҷамъиятиро озод мекунад, дар диссертатсия **баён карда шуданд.**

- дар таҳқиқот **ошкор карда шуд**, ки дар раванди таълиф А.Берунӣ на танҳо ба осори мутафаккирони исломӣ, балки ба мероси илмии дину мазҳабҳои гуногун – ислом, насрония, яҳудия, зардуштия ва ҳиндуия – муроҷиат карда, ҷаҳонбинии мукаммали шахсии худро ба миён овардааст. Дар андешаҳои ӯ таъсири равияҳо ва мактабҳои фалсафие чун зардуштгароӣ, эпикургароӣ, монавия, мӯътазила, қадария, навафлотуния, маздакия, ашъария ва фалсафаи табиии Юнони қадим ба таври равшан эҳсос мешавад. Ба шакли дигар, диди фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Берунӣ таҳти таъсири андешаҳои мутафаккирони пеш аз ӯ шакл гирифта, ҳамзамон бо нигариши танқидӣ ва ислоҳкорона такмил ёфтааст. Вай сарчашмаҳоро на танҳо истифода мекард, балки норасоиву ихтилофоти онҳоро бо биниши интиқодӣ арзёбӣ намуда, дар рӯйкарди худ таҷдиди назар менамуд

**- омӯхта шуданд**, ки яке аз сарчашмаҳои арзишманд барои дарки ҳаёт ва фаъолияти илмии Абурайҳони Берунӣ асари машҳури Ибни Надим – «Ал-Феҳраст» ба шумор меравад. Ҳамчунин, маълумоти муайян дар бораи воқеаҳои шахсии зиндагии ӯро метавон аз рисолаҳо ва навиштаҷоти худи

мутафаккир ба даст овард, ки дар онҳо рӯйдодҳои муҳим ва ҳодисаҳои фавқулодаи рӯзгори хешро ба риштаи таҳрир кашидааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

**- муайян карда шуд, ки** осори ахлоқӣ-фалсафии Абурайҳони Берунӣ тавассути равишҳо ва механизмҳое, ки дар онҳо тарбияи шахсият, ташаккули хислат ва баландбардории сатҳи худшиносии инсон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, арзиши ҷиддии таҳлилӣ доранд. Таҳқиқи андешаҳои фалсафии Берунӣ барои бозкушоии мавзуъ ва сохтори илмии ахлоқ, инчунин, фаҳмиши амиқи ӯ дар бораи моҳият ва аҳаммияти ахлоқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

- андешаи фалсафии Абурайҳони Берунӣ дар асоси таҳқиқи амиқи сарчашмаҳои гуногун – аз осори фалсафии бостонии юнонӣ ва эронӣ то матнҳои исломӣ ва тиббии даврони миёна ташаккул ёфта, инъикоскунандаи ҳамгироии фарҳангиву зеҳнии мактабҳои андешаи гуногун мебошад. Ӯ бо шеваи хоси таҳлил, донишҳои мавҷударо ба як низоми муназзами ҷаҳонбинӣ табдил дода, ҳамаи зуҳуроти ахлоқиро ҳамчун паёмади мунокишаи дохилии инсон байни майли иродаи маънавӣ ва хоҳишҳои ҳайвонӣ **офаридааст**

**- муаррифӣ карда шуд**, ки мероси ахлоқии Берунӣ, ки дорои арзишҳои умумибашарӣ ва мазмуни равшан мебошад ва метавонад ҳамчун заминаи муҳим барои тарбияи ахлоқии насли нав ва баландбардории сатҳи маънавии ҷомеа фаъолона истифода бурда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки пандҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Таълимоти ӯ метавонад ҳамчун воситаи муассири тарбияи насли нав ва тамоми ҷомеа истифода гардад. Гарчанде ки мо дар асри XXI зиндагӣ дорем ва аз муҳити асримиёнагӣ ба куллӣ фарқ мекунем, аммо масоили марбут ба нафси инсон ва идоракунии он тавассути ақл то ҳол муҳим боқӣ мондаанд. Омӯхтани усулҳое, ки Берунӣ барои тарбияи ахлоқӣ ва шаклгирии хислатҳои нек пешниҳод намудааст, имрӯз низ метавонад самаранок истифода шавад. Дар баробари ин бо интихоби усулҳои фалсафӣ-ахлоқӣ диссертатсия таҳлил ва таҳқиқ карда шуда, мутобиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин миқдори зарурии мавод, ки дар ҷараёни кор ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд, тасдиқ мегардад. Манбаъҳои истифодашуда ба дурустӣ санҷида шудаанд ва ақидаҳои илмии пешниҳоднамудаи таҳқиқотчӣ ва дар диссертатсия баёншуда тасдиқ

гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули таърихии афкори ахлоқии инсоният саҳми бузург гузоштааст. Дар таҳқиқи масъалаҳои асосии илми ахлоқ, вай берун аз чаҳорчӯби мазҳаби расмии ислом андешаронӣ намуда, талош кардааст як навъи «ахлоқи хирадгароёна»-ро таҳия намояд, ки ба воқеияти амалӣ ва зиндагии рӯзмарраи инсон асос ёфтааст. Таълимоти ахлоқии Берунӣ, пеш аз ҳама, илме дар бораи адолат, ростӣ, хирад, лаззат ва рӯҳ аст, ки онҳо ҳамчун арзишҳои олӣ ва асосии зиндагии инсонӣ пазируфта шудаанд, **асоснок шудааст**;

- баъзе хусусиятҳои хоси фалсафа ва ахлоқи Абурайҳони Берунӣ то ҳол барои донишмандон пушида мондаанд, зеро афкори фалсафию ахлоқии ӯ то ҳол танҳо дар пораҳои ҷудогонаи баъзе осораш боқӣ монда асту халос. Дар омӯзиши осори Абурайҳони Берунӣ пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили П.Г. Булгаков, Д.Ҷ. Бойлот, И.Ю. Крачковский, Ф. Розентал, Б.А. Розенфелд, М.М. Рожанская , З.К. Соколовская, И.В. Тимофеев, Р.Н. Фрай ва дигарон дар доираи матолиби маводи Берунӣ нақши бузург доранд.

Ҳамзамон, дар бораи саҳми Берунӣ дар риштаҳои гуногун – аз фалсафа ва ахлоқ то кимиё, маъданшиносӣ, геология ва тарзи зиндагии ӯ – як қатор олимони тоҷик низ таҳқиқот анҷом додаанд, аз ҷумла Ғ. Ашуров, А. М. Баҳоваддинов, М. Диноршоев, М.К. Мирбобоев, А. Девонақулов, А. А. Шамолов, Н. Неъматов, Х. Мирзозода, М. Раҷабов, Н. Қулматов, М. Осимӣ, Ф. Сироҷов, М. Исоев, А. Шарифов навиштаанд, таҳқиқ, баррасӣ ва **истифода шудаанд.**

Саҳми шахсии довталаб аз мустақилона гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пайдо кардани иттилоот, инчунин муайян намудани объект ва мавзуи таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ исбот ва асоснок карда шудаанд.

Мундариҷаи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявию донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар фалсафа ва илми муосир», конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ

таҳти унвони «Абурайҳони Берунӣ алломаи Машриқзамин, бахшида ба 1050-солагии Абурайҳони Берунӣ»

Дар маҷлиси 29-уми январи соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мирзоев Суҳроб Сулаймоновичро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**